УДК 333.95416 (Т2-575)
ББК 75.81

**ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА**

***Каримова Мадина Давроновна*** *- докторанти PhD курси 3-юми МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), e-mail: m.d.karimova@mail.ru*

**ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА В ОСОБО ОХРАНЯЕМЫХ ПРИРОДНЫХ ТЕРРИТОРИЯХ**

***Каримова Мадина Давроновна*** *- докторант PhD 3-го курса ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: m.d.karimova@mail.ru*

**ENVIRONMENTAL TOURISM IN THE SPECIALLY PROTECTED NATURAL AREAS**

***Karimova Madina Davronovna*** *- Doctorant PhD 3nd course, SEI "Khujand State University by named academician B.Gafurov" Republic of Tajikistan, Khujand city), e-mail: m.d.karimova@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *истироҳат, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, сайёҳии экологӣ, сайёҳии агроэкологӣ, сайёҳии этноэкологӣ, рушди устувор, пайраҳаи экологӣ.*

*Дар мақола мафҳуми сайёҳии экологӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз назари рушди минбаъда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Масъалаҳои таснифот ва принсипҳои муайянсозии мафҳум, ҷараёни ташаккул, бунёди инфрасохтор ва дигар ҷабҳаҳои сайёҳии экологӣ дар асоси маълумотҳои илмӣ, соҳавӣ ва ғайра таҳлил гардида, муаллиф ҷанбаҳои нави рушди сайёҳии экологиро ҷудо намудааст. Қайд карда шудааст, ки рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, хусусан парваришгоҳҳо ва боғҳои миллӣ дорои баъзе монеаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра мебошад, ки ҳаллу фаслро тақозо менамояд. Дар ин замина оид ба хусусиятҳои ташкил ва истифодаи пайраҳаҳои экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда вазъи кунунӣ ва имконияти рушди ин намуди сайёҳӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.*

***Ключевые слова:*** *рекреация, особо охраняемые природные территории, экологический туризм, экоагротуризм, этноэкотуризм, устойчивое развитие, экологическая тропа.*

*В данной статье анализируется изменения определения экологического туризма в контексте разных исторических периодов и дальнейшего развития. Автором рассматриваются вопросы классификации и принципы определяющие понятие, процесс развития, обустройства инфраструктуры и иные аспекты экологического туризма на основании анализа научных, отраслевых и других сведений, что отражается выделением новых направлений развития экологического туризма. Отмечено, что развитие экологического туризма в особо охраняемых природных территориях, особенно в заказниках и национальных парках связано с решением некоторых правовых, организационных и других преград требующих своевременного решения. Используя данные о современном состоянии и перспективы развития экологического туризма анализируются особенности организации и использовании экологических троп в особо охраняемых природных территориях.*

***Key words:*** *recreation, specially protected natural areas, ecological tourism, agro-ecological tourism, ethno-ecological tourism, sustainable development, ecological trail.*

*The article analyzes the concept of eco-tourism in different historical periods in terms of further development. The issues of classification and principles of definition, the process of formation, construction of infrastructure and other aspects of eco-tourism are analyzed on the basis of scientific, sectoral and other data, and the author identifies new aspects of eco-tourism development. It was noted that the development of eco-tourism in specially protected natural areas, especially national parks and gardens, has some legal, organizational and other barriers that need to be addressed. In this context, the current situation and opportunities for the development of this type of tourism are analyzed in depth on the features of the organization and use of ecological trails in specially protected natural areas.*

Мафҳуми “сайёҳии экологӣ” дорои маъноҳои гуногунҷабҳаи ташкили саёҳати одамон дар табиати вуҳушро дошта, ғояи ҳамоҳангсозии истироҳат ва омӯзиши маҳити табииро инъикос мекунад. Саёҳат дар табиат ҳамчун нишонаи алоқамандии истироҳат бо муносибати эҳтиёткорона ба муҳити табииро инъикос намуда, зарурати бевоситаи якҷояшавии мамнунии рӯҳи инсон ва шиносоӣ бо намудҳои набототу ҳайвонот ва ёдгориҳои табиии маҳал баҳри ташкили ҳифзи онҳо тақозо менамояд. [1].

Сайёҳии экологӣ одатан мақсадҳои маърифатӣ дорад. Объектҳои сайёҳии экологӣ аз унсурҳои шавқовартарини табиати зинда ва намудҳои хосаи гуногуншаклии биологии олами ҳайвоноту наботот иборат мебошад. Инчунин, ба соҳаи сайёҳии экологӣ омӯзиши экологияи ҳайвонот, растаниҳо, гуногуннамудии шаклҳои ҳаёт, ёдгориҳои табиӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи муҳити зист, алалхусус ҳудудҳои махсусмуҳофизатшаванда дохил мешаванд. Сайёҳии экологӣ барои истироҳаткунандагон системаи арзиши махсуси зеринро талқин мекунад: мушоҳидаи табиат, бойгардии маънавӣ аз муносибат бо табиат, иштирок намудан дар ҳифзи он, нигоҳдории табиатистифодабарии анъанавӣ. Дар ҷараёни номунтазамии рекреатсионии аксарияти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ) сайёҳии экологӣ метавонад механизми идоракунии истироҳат, ташкил ва истифодаи оқилонаи ҳудудҳои табиӣ бошад, ки ба амалияҳои махсуси табиатистифодабарӣ дахл дорад.

Мақсади тадқиқотҳо дар рушди сайёҳии экологӣ аз омӯзиши мафҳум ва намудҳои сайёҳии экологӣ ва гузаронидани он бо ташкили ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда иборат аст. Дар ин замина, мебояд ҳадафҳои зерин мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта бошанд: таҳлили меъёри ягонаи таърифи сайёҳии экологӣ, хусусиятҳои ташкили ҳудудӣ барои танзими истироҳати сайёҳон дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ташкил ва ба тартиб даровардани ҳаракати истироҳаткунандагон дар пайроҳаҳои экологӣ ва ғайра. Вобаста ба мақсади тадқиқот давоми ҷараёни омӯзишҳо аз усулҳои таҳлили муқоисавии тавсифи мавҷудаи сайёҳии экологӣ барои истифодаи имконпазир дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, хусусиятҳои ташкили ҳудудии ҲТММ барои рекреатсияи батартибандозӣ ва батанзимдарории ҳаракати рекреантҳо дар пайроҳаҳои экологӣ истифода гардидааст, ки ба сифати объектҳои тадқиқот ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда, инфрасохтори онҳо, олами ҳайвонот, гуногуншаклии растаниҳо, гуногуннамудии шаклҳои ҳаёт, ёдгориҳои табиӣ ва фарҳангӣ, рекреантҳо ва ғайра.

Дар алоқамандӣ бо ҳадафҳои тадқиқот мавҷудияти таърифҳои сершумори мафҳуми сайёҳии экологӣ мавҷуданд, ки мухтасаран чунин баён мегарданд:

- ҳама гуна шаклҳои сайёҳӣ, ки бо ҷолибияти табиии минтақа, ҷумҳурӣ, кишвар асос ёфта ва гузаронида мешавад;
- ташкили сайёҳӣ бо гирифтани маърифати экологӣ ва маълумотҳо оид ба сифати ҳифзи муҳити зист дар асоси принсипҳои устувори экологӣ;
- саёҳат дар гӯшаҳои нотакрори табиат бо мақсади омӯзиши намудҳои ҷудогонаи растанӣ ва ҳайвоноти нодир, намудҳои махсуси экосистемаҳо;
- саёҳати мусоидаткунанда барои нигоҳдории муносибатҳои мусбӣ байни сайёҳӣ ва гуногунии биологӣ, аҳолии маҳаллӣ;
- саёҳат дар табиати дастнорасонида ё худ куллан тағйирнаёфтаи экосистема, пайдо кардани тасаввуроти пурра дар бораи хусусиятҳои табиӣ ва фарҳангӣ-этнографии ҳудуд;
- сайёҳӣ ва тадбирҳои рекреатсияи ташкилии устувор дар шароити муайяни иқтисодӣ, яъне ҳангоми барои аҳолии маҳаллӣ тадбирҳои ҳифзи муҳити зист манфиатовар аст.

Муқаррароти дақиқи сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда дар байни олимон ва мутахассисони соҳа то ҳанӯз вуҷуд надорад. Ба андешаи мо, экосайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда шакли ташкили аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовари намуди фаъоли рекреатсия мебошад, ки ба шиносоии объектҳо ва зуҳуроти табиӣ, истироҳати фаъол дар асоси истифодаи оқилонаи объектҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Дар Саммити умумиҷаҳонии экосайёҳӣ, ки моҳи майи соли 2002 дар шаҳри Квебеки мамлакати Канада баргузор гардид, аз ҷониби иштирокчиён Эъломия оид ба сайёҳии экологӣ қабул карда шуд. Вале, бо сабаби вуҷуд надоштани маънои аниқу дақиқи мафҳуми “сайёҳии экологӣ” консепсияи маҷмӯъавии фаъолият коҳиш ёфтааст, ки ба рушди он монеа шудааст. Мебояд, ки мафҳуми “сайёҳии экологӣ” бо дастгирии сиёсӣ ва молиявии тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи ҷомеаҳои маҳаллӣ ва таҳҷоӣ, маърифати фарҳангӣ ва экологии сайёҳонро дар бар гирад.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда муайян гардид, ки мувофиқи бартарии мақсади саёҳат (истироҳат ё ба даст овардани донишҳои муайян) асосан се намуди асосии сайёҳии экологӣ ҷудо карда мешаванд, яъне сайёҳии экологии илмӣ, маърифатӣ, рекреатсионӣ. Масалан, сайёҳии илмии экологӣ имкон медиҳад, ки дар бораи минтақаҳои дурдаст ва кам омӯхташуда, ки барои илм ва ҳам банақшагирии самараноки рушди сайёҳии экологӣ заруранд, маълумот гирифта шавад. Мисоли сайёҳии илмиро дар экотурҳои маъруфе, ки бо мушоҳидаи рафтори парандаҳо дар Амрикои Лотинӣ, ҳисобкунии шумораи популятсияҳои китҳо дар Уқёнуси Ором алоқаманданд дидан мумкин аст. Дар мисоли Тоҷикистон бошад ҳисобкунии теъдоди ҳайвоноти нодири парваришгоҳҳои вилояти Суғд аз қабили “суғури Мензбер”, “тазаври зарафшонӣ”, “оҳуи бухороӣ” ва ғайра ба намуди сайёҳии илмӣ махсуб меёбанд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, ин роҳи омӯзиши нав “learning travel” номида мешавад, ки сайёҳии таълимӣ, маърифатӣ ё илмиро ифода мекунад.

Объекти сайёҳии маърифатӣ яке аз намудҳои ҷолибтарини биологӣ барои сайёҳон, ёдгориҳои табиӣ-таърихии шоёни диққат мебошанд. Объектҳои сайёҳии экологӣ метавонанд ҷамоаҳои экзотикӣ ё биосенозҳо, биомҳои зоогеографии гуногун, ландшафтҳои беназир бошанд. Барои сайёҳон саёҳати пиёдагардӣ ва сайёҳии обӣ бо шикори моҳӣ, мушоҳидаҳои парандагон, ҳашаротҳо, гуногуншаклии растаниҳо, кино ва аксбардорӣ, дар хаймаҳо зиндагӣ кардан, саёҳатҳои кӯҳӣ ва алпинизм, обӣ, саёҳатҳои ботаникӣ, археологӣ ва палеонтологӣ маъмул аст. Намунаи ин намуди сайёҳӣ объекти-Осорхонаи Таърихии Пекин мебошад, ки дар он зиёда аз сад ҳазор экспонатҳои таърихи палеонтология, ботаника ва антропология ҷамъ оварда шудаанд. Қисме аз онҳо экспонатҳои муқаррарии оддӣ барои ин гуна осорхонаҳо ҳастанд, баъзеи онҳо хеле камёбанд, баъзеи дигарро дар ягон осорхонаҳои дигари ҷаҳон дидан мумкин нест. Ин намуди экосайёҳӣ дар Олмон низ хеле маъмул аст, аз ин сабаб бештар онро “модели олмонии рушди экосайёҳӣ” низ меноманд. Агар ба шароит ва сарватҳои табиии Тоҷикистон аз нигоҳи ин намуди сайёҳӣ нигарем, онҳо барои ташкил ва гузаронидани турҳои экологӣ хеле мувофиқ мебошанд. Яке аз мавзеъҳо чашмаҳои мавзеи Чилучорчашма ба ҳисоб меравад, ки он дар ноҳияи Носири Хусрав ҷойгир аст. Мавзеъи Чилучорчашма зиёратгоҳ ва оромгоҳи маъруф дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ва ҷаҳон аст, ки 44 чашмаи шифобахш дошта, ҳамчун мавзеи дорои таърихи беш аз дуҳазорсола дошта шинохта шудааст. Ин чашмаҳо ба 17 гурӯҳ ҷудо шуда, ҳар кадом ба худ хосиятҳои хос дорад: чашмаи муъин, чашмаи хуни бинӣ, чашмаи морон, чашмаи устухондард, чашмаи табларза, чашмаи шифо, чашмаи дарди пӯст, чашмаи рутубат, чашмаи ният, чашмаи мурод, чашмаи нияти фарзанд, чашмаи нилуфар, чашмаи шифоии дарди гӯш ва ғайра. Бинобар ин, одамон ва сайёҳоне, ки ба ин ҷо ташриф меоранд ба гурӯҳҳо тақсим шуда, пай дар пай онҳоро зиёрат мекунанд. Инчунин, сайёҳон имконият доранд, ки дар он ҷо ба намуди саёҳати пиёдагардӣ машғул гардида, бо гуногуншаклии олами набототу ҳайвоноти он шинос шаванд ва дар табиати зебои он аксбардорӣ намоянд.

Ба сайёҳии рекреатсионӣ сайёҳии варзишӣ, алпинизм, лижаронӣ, аспӣ, роҳпаймоиҳои обию пиёдагардӣ ва дигар намудҳои истироҳати фаъол ва ғайрифаъол дохил кардан мумкин аст. Ба моҳияти он сайёҳии экстремалӣ низ наздик мебошад. Маъниҳои дигари сайёҳии рекреатсионӣ бо мафҳуми “сайёҳии экологӣ” зич алоқаманданд. Алпинизм намуди сайёҳии рекреатсионии варзишӣ ҳисобида мешавад, барои он ки вай бо хатарҳои воқеӣ, паси сар кардани теппаҳои душворгузар, ҷариҳо, тарқишҳои пиряхӣ ва кӯҳӣ, инчунин бо таваккали зери тарма ва сангреза мондан, зери сел мондан, хусусан дар боду ҳавои бад, дар фишори пасти атмосферӣ ва радиатсияи баланди шуоъҳои офтоб афтодан зич алоқаманданд, мебошад. Асосан, алпинизм дар фасли зимистон фаъол аст. Алпинизм – намуди варзиш буда, мақсади асосиаш фатҳ кардани теппа ва қуллаҳои кӯҳӣ мебошад. Одатан, қисми техникии сайрхат аз якчанд сад метр то якчанд километр масофа тӯл кашида, пайваста бар ин, дар давоми сайрхат нуқтаҳои доимии худҳимоякунӣ вуҷуд надорад. Фатҳкунӣ вобаста аз дараҷаи душворӣ ва тӯл кашидани сайрхат метавонад аз чанд соат то якчанд рӯз, ҳафта ва ҳатто моҳ давом кунад. Ду сабки (стил) фатҳкунии кӯҳҳо мавҷуд аст: ҳимолоӣ ва алпӣ. Фатҳкунии алпӣ - ин баромадани бо муваффақият ба қулла бо тамоми таҷҳизот. Сабки (стили) ҳимолоӣ бошад, бо тайёрии пешакии сайрхати фатҳшаванда, гузоштани бандҳои худҳимоякунӣ, гузоштани истироҳатгоҳҳо, таъмини кислород ва таҷҳизот ба истгоҳҳо, ки дар тӯли ин намуди фатҳкунӣ ба алпинистон лозим меояд, ки аз баландиҳо ба баландиҳо ва аз истироҳатгоҳ ва истироҳатгоҳи дигар гузаранд, фарқ мекунад. Сабки ҳимолоӣ – ин монеаҳои кӯҳие мебошанд, ки баъзан вақт барои фатҳ намудан 2-3 моҳ сарф мешавад. Аммо бисёри аз фатҳкунандагони Эверест ва дигар ҳаштҳазораҳо бо ин хел роҳу равиш (тактика) муваффақ гаштаанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки мақсади ғоявии рушди сайёҳии экологӣ ин ҳамоҳангсозии шахс бо муҳити атрофи табиию иҷтимоӣ, маърифати экологӣ ва тарбияи аҳолӣ мебошад ва ҳадафи асосии сайёҳии экологӣ аз риояи меъёрҳо ва маҳдудиятҳои экологӣ иборат мебошад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки принсипи асосии рушди устуворро бомуваффақият амалӣ намоем (идоракунии табиат, ки ба таназзули захираҳо оварда намерасонад), зеро як қисми манфиатҳои рушди сайёҳии экологӣ барои барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳо истифода мешаванд.

Сайёҳии экологӣ як соҳаи рушдкунанда дар соҳаи сайёҳӣ буда, на ҳамеша аз ҷониби коршиносон ба пуррагӣ дарк карда мешавад. Фаъолияти он ба ҳайси бахши иқтисодӣ дар Руссия дар миёнаи солҳои 1900 ибтидо гирифт, вақте ки дар Шимолу Ғарбӣ ва Шарқи Дури Руссия татбиқи лоиҳаҳои экосайёҳии ТАСИС (Park Vodlozersky National Park), лоиҳаи Фонди умумиҷаҳонии табиати ваҳшӣ (WWF) ва Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар Шарқи Дур оғоз ёфта буд. Дастгирии сайёҳии экологӣ дар мамнӯъгоҳ ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда сар шуд. Таҷрибае, ки дар рафти татбиқи лоиҳаҳои мазкур ба даст омада чунин имкониятҳо фароҳам овард:

а) муайян кардани хусусиятҳо ва имкониятҳои сайёҳии экологӣ дар мамнӯъгоҳҳо;

б) таҳия кардани мушкилиҳои асосӣ, ки ҳангоми ҷорӣ намудани амалияи устувори сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд;

в) стратегияҳои рушди сайёҳии экологиро дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда пешниҳод кунанд.

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳаи мазкур Фонди рушди экосайёҳӣ "Dersu Uzala" бо мақсади расонидани кӯмаки назариявӣ ва амалӣ дар пешбурди консепсияи байналмилалии рушди сайёҳии экологӣ дар Руссия ва рушди фаъолияти сайёҳӣ дар системаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таъсис дода шудааст.

Принсипҳои сайёҳии экологӣ дар кори боғҳои миллӣ ва дар солҳои охир дар мамнӯъгоҳҳо низ васеъ истифода бурда мешавад. Рушди босуръати сайёҳии экологӣ дар даҳсолаҳои охир на танҳо аз бад шудани сифати муҳити зист, балки бо афзоиши “кишти” ҷойҳои истироҳатии аҳолӣ низ тавсиф мешавад. Рушди истироҳати механиконидашудаи беназорат бо истифодаи таҷҳизоти муосири ултра-техникӣ, як корхонаи пурқудрати истироҳати фаъол бо кӯҳфароӣ ва роҳи танобӣ, масалан, дар минтақаи муҳофизатии мамнӯъгоҳи “Стоби”-и Федератсияи Руссия ба маҷмӯаҳои ҳамшафати табиӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳадафи сайёҳии экологӣ ба ҳадди ақал расонидани тағйиротҳои экологӣ  мебошад.

Сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда тавассусти қонунгузории экологӣ танзим карда мешавад. Аз ин лиҳоз, баррасии санадҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи табиат имконият медиҳад, ки нақш ва ҷойҳои сайёҳии экологиро дар фазои ҳуқуқии экологӣ бифаҳмем. Санадҳои асосии қонунгузории марбут ба сайёҳии экологӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” мебошад. Тибқи ин қонун, **ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда** - қитъаҳои замин, об ва фазои онҳоро иҳотакардае, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст.

Алҳол, дар ҳудуди вилояти Суғд мавҷудият ва ташкилшавии 5 адад парваришгоҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта муайян карда шудааст, ки ба ҳудудҳои махсусмуҳофизатшаванда  тааллуқ доранд ва дар тавозуни хоҷагиҳои ҷангал қарор доранд. Инчунин, давоми давраи тадқиқотӣ барои муайян намудани сатҳи таъмини иҷрои талаботҳои “Барномаи давлатии рушди ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда барои солҳои 2005-2015”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 79 аз санаи 4.03.2005 сол тасдиқ шудааст, муҳаққиқон дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи кории Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд санҷиши ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, аз ҷумла парваришгоҳҳои “Зарафшон”, “Ориён”, “Искандаркӯл”, “Кусавлисой” - ҳозира “Дараи сабз” ва “Оқтош” - ҳозира “Маскани Суғур”-ро тайи чандин солҳо мавриди назорату санҷиш қарор додаанд ва дар заминаи маълумотҳои гирдомада нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди сайёҳии экологиро дар **ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда**  пешниҳод намудаанд. Аниқ карда шудааст, ки ҳалли мушкилоти экологии имрӯза қариб ба хоҳиш ва қобилияти қудрати мақомоти қонунгузории маҳаллӣ вобаста аст ва танҳо ин рукн барои рушди сайёҳии экологӣ дар қаламрави худ мусоидат карда метавонад.

Мебояд тазаккур кард, ки рушди сайёҳии экологӣ мебояд бештар тавассути намудҳои гуногун ва маъмули пайроҳаҳои равияҳои мухталиф амалӣ мегардад, ки шарҳи мухтасари онҳо дар зер баён карда мешавад:

**Тавсифи умумии пайроҳаҳои экологӣ**. Муносибати бардавом ба объектҳои маҳаллии олами набототу ҳайвонот, ёдгориҳои табиӣ ташкил ва ба тартиб даровардани истироҳати беназоратро пайроҳаҳои экологӣ таъмин мекунад. Пайроҳа – ин хатсайри мустаҳкам ва ободшуда барои шиносии истироҳаткунандагон бо минтақаҳои диққатҷалбкунанда ва объектҳои табиӣ мебошад. Ҳадафи он кам кардани тағйири муҳити зист бо назардошти таъсири шадиди рекреатсия мебошад.

Тибқи маълумотҳо пайроҳаҳои экологӣ ба таърихӣ, дендрологӣ, ботаникӣ, зоологӣ, геологӣ, фаъол ва маҷмӯагӣ тақсим мешаванд. Намудҳои гуногуни пайроҳаҳоро ҷудо мекунанд: табиӣ, сайругаштӣ-дарккунӣ, донистании сайёҳӣ, омӯзиши экологӣ, кишваршиносӣ, табобатӣ-истироҳатӣ (роҳҳои табобатӣ) [1].

**Пайроҳаи сайёҳӣ-дарккунӣ** бо роҳбарии инструктор-баранда метавонад пайроҳаи рӯзҳои истироҳатӣ (бо шабона) бо тӯли 15-30 км ё саёҳати чандрӯзаи сайёҳон-истироҳаткунандагон (бо паноҳгоҳҳо, нуқтаҳои хидматрасонии ғизоӣ ва дигар унсурҳои инфрасохтори рекреатсионӣ) то якчанд садҳо киллометр дарозтар бошанд. Пайроҳаҳо бештар дар ҷангалҳои рекреатсионӣ, боғҳои миллӣ ё табиӣ гузаронида мешаванд.

**Пайроҳаҳои сайругаштӣ-дарккунӣ** низ “пайроҳаи рӯзи истироҳатӣ” меноманд. Дарозии онҳо одатан аз 1 то 10 км, хатсайр метавонад дар масофаи 2,5 км / дар як соат бо суръати баланди то 4 соат сафар кунад. Пайроҳаи кишваршиносии дарккунӣ дар худ на танҳо минтақаҳои истироҳатӣ ва нуқтаҳои махсус, инчунин сайри пикникиро низ дар бар мегиранд. Гурӯҳҳои истироҳаткунандагон одатан бе роҳбаладҳо дар чунин роҳҳо ҳаракат мекунанд. Аммо дар оғози пайроҳа шикорчӣ ё ҷангалбон буда, меҳмонро бо буклетҳо ва харита-схемаҳо таъмин мекунад. Вай бо даъватшудагон брифингҳо мегузаронад ва бо нишондиҳандаҳои пайроҳаҳо, ҳолати лавҳаҳои иттилоотӣ, қобилияти коршоямии таҷҳизоти истироҳатӣ, нуқтаҳои назаррас, майдонҳои сайри боғӣ назорат мекунад. Он қисмҳои пайроҳаро мустаҳкам мекунад, бо сӯзишворӣ таъмин мекунад, бехатарии меҳмонро кафолат медиҳад ва ғайра.

**Пайроҳаи омӯзиши экологӣ** барои шиносоии истироҳаткунандагон бо объектҳои ҷолиби табиӣ, экосистемаҳои мухталиф бо мақсади тарбияи экологӣ ва таълими ҷавонон ва паҳн намудани иттилоот дар бораи муҳити атроф (табиӣ) байни сайёҳон мусоидат мекунад. Чунин пайроҳаҳо ба одамон барои бартараф намудани монеаҳо, мутобиқ шудан ба мушкилоти зиндагии пиёдагардӣ ва ғайраҳоро меомӯзонад. Онҳо метавонанд хатӣ, даврӣ ва радиалӣ бошанд. Дарозии чунин пайроҳаҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд (аз 1 то 1000 км). Онҳо метавонанд ба намуди пиёдагардӣ ва аспӣ бошанд (баъзан як қисми хатсайр метавонад бо роҳи автомобилӣ ва ё обӣ аз қабили қаиқ, заврақ, киштӣ), ҳаракат кунанд. Беҳтараш, вақте ки пайроҳаҳои таълимӣ бо осорхонаҳои табиат якҷоя карда шаванд.

**Пайроҳаҳои кишваршиносӣ ва таърихӣ** аз ҷойҳои шӯҳрати ҷангӣ, таърихӣ (револютсионӣ ва дигар воқеаҳо), масалан, дар мамнӯъгоҳи “Столби”, боғи миллии “Шушенский бор”-и Федератсияи Россия ва ё дидани объектҳои фарҳангӣ, архитектура ва меъморӣ ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон бошад қалъаи Ҳисор ёдгории меъморӣ ва таърихию фарҳангиест воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Ҳисор мебошад. Қалъа дар баландӣ ҷойгир буда, масоҳаташ 17 гектар аст. Дар ҳудуди он гурӯҳи бостоншиносони Пажӯҳишгоҳи таърихии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Е.В.Зеймал ҳафриёт бурда, се давраи ҳаётро ошкор намуданд. Давраи аввал ба охири даврони ҳукмронии Кушониён (нимаи дуввуми асри IV) мутааллиқ буда, аз қабати мансуби ин давра боқимондаи деворҳои истиқоматию хоҷагӣ пайдо шуданд. Давраи дуюм ба ибтидои даврони Кушониён (асрҳои I-III) ва давраи севвум бошад, ба замони Юнону Бохтар (асрҳои III-II м) мутааллиқанд [2].

**Пайроҳаҳои табобатӣ-истироҳатӣ** (бештар ободгардида) барои сайругашти бехавф ва қадамҳои табобатӣ дар мавзеъҳои зебо, бештар ва ё кам маҳалли ноҳамвор пешбинӣ шудаанд. Мисоли чунин “пайроҳа” роҳест ба “Сутуни Марказӣ” дар водии дарёи Лалетинои Федератсияи Русия.

Сохторҳои муҳандисӣ набояд ба экосистемаи роҳ халал расонад. Намунаи ҷойгиршавии номувофиқи иншоот метавонад роҳҳое бошанд, ки ҷараёни обро бастааст, ки ба эрозияи теппаҳо оварда расонидааст ё сохтмонҳое, ки ҳайвоноти ваҳширо аз ҷойи обдиҳанда тарсонидааст ё партовҳои ифлоскунандаҳое, ки ба обанборҳои табиӣ партофта шудааст [1].

Роҳҳо ва пайроҳаҳо бояд носоз набошанд ва ба контури ин минтақа мувофиқ кунанд ва бевосита аз он убур накунанд. Аз ин рӯ, онҳо бояд дар байни дарахтон, теппаҳо ва дигар унсурҳои ландшафт гузошта шаванд. Лоиҳаҳои роҳ бояд нишебии ночиз ва дренажи мувофиқро барои кам кардани эрозияи хок дар бар гиранд.

**Ташкили пайроҳаҳои экологӣ.** Сайёҳии экологӣ инфрасохтори рушдёфтаи сайёҳиро (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, муассисаҳои истироҳатӣ) дар асоси як сайёҳ талаб намекунад ва барои ҳар як фоида сомонӣ талаб намекунад, ки он ба истеъмоли камтари захираҳо тавсиф карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои роҳнамо оид ба сайёҳии экологӣ зарурати танзими ҷараёнҳои сайёҳиро аз рӯи миқдор ва вақти ташриф ва муайян кардани миқдори максималии имконпазирро пешбинӣ мекунанд. Дар амалия методологияи муайян кардани тағйироти имконпазир дар ландшафт ҳамчун алтернатива ба усули бори иҷозатдодашуда васеъ паҳн шудааст. Бисёр ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аз нуқтаҳои аҳолинишин хеле дур ҷойгир шудаанд ва рушди сайёҳии экологӣ дастрасии хуб ба нақлиётро талаб мекунад. Муҳофизати сайёҳонро аз офатҳои обу ҳаво ва таъмин кардани онҳо бо истироҳати хуб дар шабона низ муҳим аст. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ пеш аз ҳама сохтмони шабакаи роҳҳо ва иншооти истироҳатиро талаб мекунад.

Масалан, дар режими ёдгории табиии «Сутунҳои Минск»-и қаламрави Красноярски Федератсияи Руссия барои ҷойгиркунии хаймаҳо ва даргиронидани оташ ҷойҳои махсус пешбинӣ шудааст. Дар Тоҷикистон бошад дар парваришгоҳи “Искандаркӯл” низ чунин шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷо барои сайёҳон чораҳои зарурӣ барои ташкили сайри асосии пайроҳаҳои экологӣ бо ҷойҳои таваққуф, ҷойҳои истироҳати дурудароз бо ҷойгиркунии хаймаҳо ва оташфишониҳо пешбинӣ шудаанд. Инчунин, бо ҷалби волонтёрон барои муҷаҳҳаз ва осон кардани ҳаракат дар гузаргоҳҳои қаблии мавҷуда тадбирҳо пешбинӣ шудаанд: мустаҳкам кардани ботлоқзорҳо бо саҳроҳо, даравидани алафҳои баланд, гузоштани аломатҳои пурра дар баъзе паҳлӯҳо ва даромадгоҳҳои қаламрави ёдгориҳои табиӣ. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар даромадгоҳ ба ёдгории табиии “Сутуни Минск”-и Федератсияи Руссия ва парваришгоҳи “Искандаркӯл”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харита-схема бо тасвири пайроҳаҳои сайёҳӣ ва ҷойҳои таваққуфгоҳи имконпазир ва бо нишондиҳандаҳои низоми онҳо пешбинӣ шудааст. Лоиҳаи ташкили ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бояд ба мундариҷаи он мувофиқат дошта, ба принсипҳои меъмории ландшафт мухолифат накунад.

**Аҳамияти иқтисодии рушди сайёҳии экологӣ.** Сайёҳии муташаккили экологӣ имрӯз 10-15% -и бозори сайёҳии Руссияро фаро мегирад. Бар хилофи намудҳои анъанавии сайёҳӣ сайёҳии экологӣ чунин як инфрасохтори рушдёфтаи сайёҳиро (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, иншооти фароғатӣ) барои як сайёҳ ва барои ҳар як фоида сомонӣ талаб намекунад ва аз ин рӯ, истеъмоли хеле камтари захираҳо тавсиф карда мешавад.

Даромадҳо аз фаъолияти ҳар як боғи миллии амрикоӣ (асосан марбут ба сайёҳӣ) на камтар аз 40 доллари амрикоӣ барои 1 гектар мебошад, дар ҳоле ки истифодаи онҳо ҳамчун замини кишоварзӣ на зиёда аз 0,80 доллари амрикоӣ, ҳатто бо истифода аз усулҳои пешқадами идоракунии хоҷагиҳо овард [3]. Аз ин рӯ, ҳангоми банақшагирӣ ва идоракунии дуруст сайёҳии экологӣ метавонад манбаи муҳими манфиатҳои иқтисодӣ барои ҳам кишварҳо, инчунин барои корхонаҳои хусусӣ ва ҷамоаҳои маҳаллӣ бошад. Ҳамзамон, он метавонад ҳамчун воситаи муассири ҳифзи арзишҳои табиӣ ва фарҳангӣ хидмат кунад. Илова ба даромади мустақим (ҳаққи даромад, пардохтҳои гуногун барои хизматрасонии сайёҳӣ, маблағҳо аз фурӯши тӯҳфаҳо, роҳбаладҳо ва ғайра) сайёҳии экологӣ метавонад маблағҳои иловагӣ ба даст орад, ки дар сурати дуруст идора карда шудан барои нигоҳ доштани минтақаи ҳифзшаванда, маоши кормандон, таъмири роҳҳо, таъмини сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ ва ғ. истифода хоҳанд шуд. Экосайёҳӣ рушди чунин соҳаҳои иқтисодиёт, аз қабили нақлиёт, алоқа, тиҷорат, сохтмон, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолиро ҳавасманд менамояд ва яке аз самтҳои пешомаднoктарин ба ҳисоб меравад.

**Хулоса.** Сайёҳии экологии муташаккил дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда як шакли фаъоли рекреатсия дар асоси истифодаи оқилонаи объектҳои муҳити табиӣ мебошад. Дар ҳолати ноустувории рекреатсионӣ дар бисёр ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда сайёҳии экологӣ метавонад ҳамчун механизми идоракунии истироҳат, ташкил ва истифодаи мунтазами минтақаҳои табиӣ давоми сол хизмат кунад. Он ба амалияҳои махсуси табиатистифодабарӣ такя намуда барои нигоҳ доштани муҳити зист дар ҷойҳои истироҳатӣ ва майлу рағбати сайёҳон тавассути пайроҳаҳои экологӣ мусоидат мекунад ва тибқи фармоиш амалӣ мегардад.

Экосайёҳии хуб ба роҳ мондашуда метавонад як бизнеси даромаднок бошад. Иртибот бо табиати даст расониданашуда ба истироҳаткунандагон имконият медиҳад, ки ҷаҳонро дар атрофи онҳо эҳсос кунанд ва аксар вақт меҳмононро ба ёрдамчиёни фаъол ва баъзан ба сармоягузорони ташкилотҳои табиатҳифзкунӣ табдил медиҳанд.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Разработка и описание экотуристических маршрутов: метод. рекомендации / Б.А. Воронов, С.Д. Шлот-гауэр, В.М. Сапаев [и др.]. – Хабаровск: МАНТ ДВ, 2000. – С. 234–239.
2. Расулиён Қаххор. Тоҷикистон.-Душанбе: “Ирфон”, 2013.-160 с.
3. Шустов С.П. Экологический туризм на пути в Россию. Принципы, рекомендации, российский и зарубежный опыт. – Тула: Гриф и К., 2002. – С. 114–118.
4. Х.М. Муҳаббатов ва Ниёзов. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 234 с.
5. Реймерс Н.Ф., Штилмарк Ф.Р. Особо охраняемые природные территории. – М.: Мысль, 1978. – 295 с.
6. Соколов Е.В., Сыроевковского Е.Е. Запаведники Средней Азии и Казахстан. М.. Из-во: “Мысль”, 1990. – 450 с
7. Сапожников Г., Мухаббатов Х. Заказники Таджикистана. – Из-во: “Ирфон”. – Душанбе, 1989.
8. Новиков Ю.В.Экология, Окружающая среда и человек. М.: “ФАИР-ПРЕССА”, 2005. – 722 с.
9. Забиров Р.Ғ. Экология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ “Эр-граф”, 2013. – 480с.
10. Баротов Р.Н., Навиков В.П. Каменное чудо Таджикистана. Д.: “Ирфон”, 1988. – 160 с.


## REFERENCES


4. Development and description of ecotourism routes: method. Recommendations / B.A. Voronov, S.D. Schlot-Gauer, W.M. Sapaev [etc.]. - Khabarovsk: MANT DV, 2000. - p. 234–239.
5. Rasuliyon Qahhor. Tajikistan.-Dushanbe: “Irfon”, 2013.-160 p.
6. Shustov S.P. Ecological tourism on the way to Russia. Principles, recommendations, Russian and foreign experience. - Tula: Griff and K., 2002. - p. 114–118.
7. Kh.M. Mukhabbatov and Niyozov. Specially protected natural areas of Tajikistan. - Dushanbe, 2017. - 234 p.
8. Reimers N.F., Stilmark F.R. Especially protected natural areas. - M .: Mysl, 1978. - 295 p.
9. Sokolov E.V., Syroevkovsky E.E. Reserves of Central Asia and Kazakhstan. M . Thought, 1990. - 450 p.
10. Sapozhnikov G., Muhabbatov Kh. Reserves of Tajikistan. – published : "Irfon". - Dushanbe, 1989.
11. Novikov Y.V. Ecology, Environment and man. M .: “FAIR-PRESS”, 2005. - 722 p.
12. Zabirov R.G. Ecology: a textbook for university students "Er-graf", 2013. - 480p.
13. Barotov R.N., Navikov V.P. Stone miracle of Tajikistan. D .: “Irfon”, 1988. - 160 p.